# ПРОТОКОЛИ № 22
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА- 051 назди ДМТ**

аз “18” июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2025 №240 ш/д тасдиқгардида, 10 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Каримзода Марворид Олим «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои биология аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, Джураева У.Ш ва аъзои комиссия, докторони илмҳои кишоварзӣ Ташпулатов М.М. ва Раҷабов Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Каримзода М.О. дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Каримзода М.О. дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм»ки барои ларёфти дараҷаи илмии номзали илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда ба чунин қарор омаданд.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои биология аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Алиев Дилмурод Давронович – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи "Микробиология, вирусология ва иммунология"-и Донишгоҳи давлатии Самарқанд оид ба тиббию бойторӣ, чорводорӣ ва биотехнология;
- Тошмуҳаммадзода Садриддин Тошмуҳаммад – номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.08 - Истеҳсоли хӯроки чорво, хӯрокдиҳии ҳайвоноти кишоварзӣ ва технологияи хӯроки чорво, омӯзгори калони кафедраи тибби бойторӣ Донишгоҳи давлатии Данғара;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М,С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 1 октябри соли 2026 соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ, профессор Қодиров А.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ Мирзоев Н.М.